«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, академик
Имомзода М.С.

____________________

«06» 03 2019

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи **“Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ”** аз рӯйи ихтисоси **13.00.02 – Назария ва методикаи таълим (аз рӯи самтҳои илм)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика дар кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Камолова Гадобегим Раҳимовна аз соли 2012 инҷониб ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Ӯ соли 2000 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДМТ рӯзи 01.03.2013, қарори № 5 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ Ваххобҷон Абдулазизов ва мушовир доктори илмҳои педагогика, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус, профессор Ҳоҷиматова Гулчеҳра Мадсаидовна мебошанд.

*Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:*

Забон муҳимтарин воситаи алоқа ва муошират дар ҷомеа ба шумор меравад. Ҳангоми сухан гуфтан омилҳое чун лаҳни калом, ишораҳои дасту сар

ва монанди инҳо гӯяндаро дар интиқоли мақсад ёрӣ мерасонанд, аммо ин омилҳо дар навишт ифода ёфта наметавонанд.

Дар нутқи хаттӣ барои дарки пурраи мақсади нависанда аломатҳои китобат кумак мерасонанд. Дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ шуда, ба ғалатҳои зиёди китобат роҳ медиҳанд. Таҳқиқу баррасии ин масоил заруриияту муҳиммии таҳқиқотро пеш меорад.

Аломатҳои китобат барои ҷудо намудани ҳудуд, сохти ҷумла, ифодаи паси ҳамии фикр, мустаҳкамии маъно давомдории фикр хизмат мекунанд. Аломатҳои китобат, аз як тараф, дар асоси интонатсия ба вуҷуд омада бошанд, аз тарафи дигар, дар асоси воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ба воситаи сохти муайяни ҷумлаҳо, яъне мазмунҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд омадаанд. Омӯзиши аломатҳои китобат дониши хонандагонро мукаммал гардонида, ба баланд бурдани сатҳи саводнокии хонандагон мусоидат менамояд. Дар китобҳои дарсӣ низ ин масъала ба эътибор гирифта шудааст. Дар хусуси истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ қатъи назар аз муҳимии масъала ба ҷуз корҳои А. Эшонҷонов, Ғ. Маликов, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, Ш. Каримов, У. Обидов, Т. Шокиров, Б.Камолиддинов ва баъзе мақолаҳо доир ба методикаи таълими он то имрӯз таҳқиқоти мукаммали илмие ба чашм намерасад.

Бо сабаби набудани таҳқиқоти махсус доир ба аломатҳои китобат ва методикаи истифодаи онҳо ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон ба мушкилиҳои зиёде дучор шуда, ба ғалатҳои зиёди китобат роҳ медиҳанд, ки ин зарурият ва муҳиммияти таҳқиқотро пеш меорад.

Унвонҷӯ барои он мавзӯи мазкурро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст, ки масъалаву мушкилиҳои аломатҳои китобат, хусусият ва методикаи мавриди истифодаи онҳо дар нутқ ва нақши онҳоро дар саводнокии нутқи хаттию даҳонии хонандагон муайяну муқаррар намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Ҳадафи ин таҳқиқотро масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи шинос намудаи хонандагон бо аломатҳои китобат, истифодаи дурусти онҳо дар нутқ ва бо ҳамин роҳ боло бурдани

саводнокии нутқи хаттию даҳонии хонандагон ташкил медиҳад. Вазифаи таҳқиқот аз такмили системаи тому яклухти таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) дар Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Дар сурати таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии методикаи омӯхтани аломатҳои китобат:

а) хонандагон ба хелҳои гуногуни аломатҳои китобат шинос мешаванд; б) вазифаҳои маъноӣ, грамматикӣ, услубии аломатҳои китобат ва мавридҳои корбасти онҳоро меомӯзанд;

в) ифоданокии нутқро дарк мекунанд.

Дар заминаи мақсад ва фарзияи тадқиқот дар назди муҳаққиқ дар еазди худ иҷрои вазифаҳои зеринро гузоштааст:

1. Омӯхтан ва нишон додани нақши тадқиқот ва асару мақолаҳое, ки оид ба аломатҳои китобат ва методикаи таълими онҳо дар забони тоҷикӣ анҷом ёфтаанд;

2. Таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ дар робита бо масъалаҳои омӯхтани аломатҳои китобат;

3. Мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон, талаффуз ва сифати хониши хонандагон, таҳлили корҳои хаттии онҳо вобаста ба истифодаи аломатҳои китобат;

4. Пешниҳоди метод, тарз ва воситаҳои самараноки омӯхтани аломатҳои китобат ҳангоми таълими мавзӯъҳои гуногуни лексика ва дастури забон (морфология, синтаксис), ки аз озмоиши таълимӣ гузаштаанд;

5. Пешниҳодҳои амалӣ доир ба беҳтар шудани барномаи таълимию китобҳои дарсӣ вабаста ба таълими аломатҳои китобат.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони варзида чун А. Эшонҷонов, Ғ. Маликов, С. Шербоев, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, Ш. Каримов, У. Обидов, Т. Шокиров, Б. Камолиддинов ва асарҳои методии Н. С. Волгина, Д. Э. Розентал, М. И. Фомина, А. Б. Шапиро, В. А. Добромислов, Г. П. Фирсов, А. В. Текучёв, А.Ф.Ломизов, А. В. Дудников, Г. И. Блинов, Л. Т. Григорян, А. И. Фигуровский, И. Р. Палей, А. И. Шербаков ва дигарон ташкил медиҳад.

**Методҳои асосии таҳқиқро** методҳои омӯхтани адабиёти психологӣ, педагогӣ, забоншиносӣ, методҳои мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон, хониш, гуфтор ва талаффузи хонандагон, суҳбат бо омӯзгорон ва хонандагон, таҳлили корҳои хаттии хонандагон, омӯхтани таҷрибаи пешқадам; ташкили гузаронидани пурсишнома, тест, ташкили озмоиши пешакӣ, омӯзишӣ ва муқоисавӣ, таҳлили натиҷа, далелҳо ва пешниҳодҳо ташкил медиҳад.

**Нововарии илмӣ ва аҳамияти назарии** диссертатсия дар дарк ва ҳалли бошууронаи мавзӯъҳо, ки барои омӯзгорон ва хонандагон пешниҳод шудаанд, ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад. Ҳамчунин, асоснок кардани хусусияти ҳар як аломати китобат дар забони тоҷикӣ, фаҳмидани таъйинот ва методикаи коркарди мавқеи истифодаи онҳо дар нутқ; аз ҷиҳати методӣ таҳқиқ ва собит сохтани моҳияти аломатҳои китобат, ки дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои забон (калима, шаклҳои грамматикии калима ва сохти синтаксисӣ) барои ифодаи фикр ва ҳиссиёт ифода меёбад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ ба тавri зайл аст:

1. Пешниҳоди таъйинот ва мавқеи дуруст истифода бурдани аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ;
2. Риояи ист ва оҳанги талаффуз ҳангоми хондан ва баёни фикр;
3. Пешниҳод ва баъзе маслиҳатҳо барои беҳтар шудани барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ;
4. Тавсияи метод, тарз ва воситаҳои муассир, ки самаранокии омӯзиши аломатҳои китобатро ҳангоми таълими унсурҳои забон таъмин менамоянд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 6 мақолаи чопнамудаи унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтааст.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотиро ба таври фишурда инъикос кардааст.

Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим (аз рӯи самтҳои илм) мувофиқ аст.

Кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовнаро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳиму мубраме меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботҳои кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ин замина, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим (аз рӯи самтҳои илм) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика тавсия менамояд.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 17 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-17 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест.
қарори № 8, аз 02.03. 2019

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва
усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ
номзади илмҳои филология, дотсент Каримов Н.С.

**Раисикунанда**:
доктори илмҳои педагогика,
профессори кафедраи забони русӣ
барои факултетҳои ғайрифилологии ДМТ Мухаметов Г.Б.

Имзои Н.С. Каримов ва Г.Б. Мухаметовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э.

06 03 соли 2019